2195 - Қазои фаризаҳои исломӣ барои навмусалмон

савол

Марде дар синни чилсолагӣ ба Ислом гаравид. Оё ӯ бояд намозҳоеро, ки пеш аз ин аз ӯ қазо шудаанд, адо намояд?

Ҷавоби муфассал

Шахсе, ки Исломро пазируфтааст, қазои намозҳо, рӯзаҳо ва закотҳоеро, ки дар замони куфр аз ӯ фавт шудаанд, адо наменамояд. Зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:

قُل لِّلَّذِينَ كَفَرُوا إِن يَنتَهُوا يُغْفَرْ لَهُم مَّا قَدْ سَلَفَ

سورة الأنفال: ٣٨

«Ба касоне, ки кофир шудаанд, бигӯ: агар (аз куфр) бозистанд, он чӣ гузаштааст, барояшон омурзида мешавад». (Сураи Анфол: 38).

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд: **«Ислом он чиро, ки пеш аз он гузаштааст, аз байн мебарад».** Ин ҳадисро Муслим дар "Саҳиҳ"-и худ (121) ривоят кардааст.

Зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба ҳеҷ яке аз касоне, ки Исломро пазируфта буданд, дастур надодааст, ки ибодатҳоеро, ки дар давраи куфрашон аз даст дода буданд, қазо намоянд. Уламои исломӣ низ дар ин масъала иҷмоъ намудаанд.